«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ҷ. Б.________
«29» августи соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик» (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик» (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод) ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D020501 – Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

Таваҷҷуҳ ба равишҳои тозаи таҳлилу таҳқиқ дар адабиётшиносии тоҷик тайи солҳои ахир рӯ ба афзоиш аст. Баррасии меъёрҳои мутафовити таҳлили осори адабӣ яке аз масъалаҳои муҳимми ин соҳа маҳсуб мешавад. Ба ҳамин хотир, диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар ба як масъалаи дорои аҳаммияти хос бахшида шуда, диссертант дар раванди пажуҳиш дастовардҳои муайян касб намудааст. Мавзуи интихобшуда аз ҷумлаи мабҳасҳои камошно дар адабиётшиносии тоҷик мебошад.

Диссертатсия дар густариши таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи адабиётшиносӣ, хусусан арзишгузории осори адабии мансур, тарвиҷи корбурди назарияҳои тозаи таҳлили матн, пешниҳоди усули матлуби созгорсозии назарияҳои адабии ҷаҳонӣ ба адабиёти миллӣ, омӯзиши сохтори маънавӣ ва созмонёбии асари бадеӣ, баррасии амиқи ҷойгоҳи аҷзои сужет дар сохтори куллии асар судманд буда, ин мавoридро дар мисоли таҳлили романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод нишон додааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Яке аз самтҳои асосии илми адабиётшиносӣ аз баррасии масоили вобаста ба таҳлили осори адабӣ иборат аст ва ин самт дар натиҷаи иртиботи мудаввоми дуҷониба байни осори бадеӣ ва нақди адабӣ шакл гирифтааст. Имрӯзҳо нақши назарияҳои нарратологӣ дар тақвияти чунин робитаи дуҷониба қобили таваҷҷуҳ мебошад ва намоиши ин раванд дар мисоли таҳлили муфассали романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод аҳаммияти муколамаи

судманд байни нависандаву мунаққиди адабиро собит намудааст. Вуҷуди робитаи дуҷониба ва муколамаи судманд ба боло рафтани сатҳи осори адабӣ, воқеъбинона сурат гирифтани нақди адабӣ ва рушди тахассусии ҳам нависанда ва ҳам мунаққид мусоидат менамояд.

Аз ҷониби дигар, истифодаи усули ду назарияи корбурдии нарратологӣ, ки ба қалами Жерар Женетт ва Волф Шмид мансубанд, то кадом андоза судманд будани ин равиши таҳлилро дар адабиётшиносии миллӣ нишон медиҳад. Мутолиаи амиқи романи «Ҳайҷо», бақияи осори Ӯрун Кӯҳзод ва имкони татбиқи усули назарияҳои нарратологӣ бар онҳо навъи ташаккули насри бадеии даврони истиқлолро ба хубӣ инъикос менамояд.

Таҳлили сохтор ва пайкараи маъноии роман аз **мавзуъ ва масоили мубрами** илми адабиётшиносии имрӯз маҳсуб мешавад.

Аз таҷзияи лояҳои сохтории роман, таҳлили ҷузъиёти шаклдиҳандаи сужет, хусусиятҳои дидгоҳҳои мухталиф, баррасии робитаи байни нависандаву хонанда, фарқияти байни нависандаи матн ва ровии ҳаводис ва вижагиҳои аҷзои такроршаванда дар матни асар ба чунин хулоса метавон расид, ки таҳқиқоти фарогир дар ин заминаҳо ниҳоят кам буда, пардохтан бар онҳо ҳовии аҳаммият буда метавонад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**. Мутолиа, таҳқиқ ва маводи гирдоваришуда унвонҷӯро ба ин натиҷа расонидааст, ки истифодаи гузоришҳои илмӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни таҳқиқ ва таълиму тадриси асосҳои адабиётшиносӣ, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, махсусан, ташаккули насри бадеии тоҷик, вижагиҳои офариниш дар осори замони истиқлол пураҳаммиятанд. Таҳлили нарратологии романи «Ҳайҷо» ҳамчун як намунаи сохторманди таҳлили бисёрҷониба ва амиқи асари мансур имконоту бартариҳои нақди адабии миллиро инъикос менамояд, ки ин ниҳоят арзишманд аст. Хулосаю пешниҳодҳои довталаби дараҷаи илмӣ натиҷа ва бардошт аз масоили дар бобу фаслҳои диссертатсия матраҳшуда мебошад, ки дорои асос ва ҷанбаи қавии илмист.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Рисолаи илмии Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик» як падидаи илмии нав ва пурмуҳтаво маҳсуб меёбад ва дар илми адабиётшиносӣ аз зумраи таҳқиқоти бесобиқа мебошад. Мабҳасҳои калидии таҳқиқ, ки тозагиаш аз онҳо истинбот мешавад, аз таҷзияи матни бадеӣ ба воҳидҳои замонӣ, тасвири ноҳамоҳангиҳои замони бадеӣ ва таносуби замони бадеӣ бо замони воқеӣ, масъалаи ҳаракати воҳидҳои ривоӣ дар асарҳои мухталифи нависанда, образи хонандаи ормонӣ аз дидгоҳи нависанда, тасаввуроти

хонандаи воқеӣ оид ба образи нависандаи таҷридӣ, фарқи миёни нависандаи воқеӣ ва нависандаи таҷридӣ ва тафовути нависандаи таҷридӣ бо нарратор ё ровӣ, аҳаммияти асолати куниш дар асари бадеии таърихӣ ва робитаи мутақобили байни мундариҷаву сабку сохтор иборатанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки муаллифи диссертатсия зимни таҳқиқоти худ усулу равишҳои таҳлили нарратологиро муаррифӣ ва созгорсозӣ намудааст, ки ин таҳқиқоти матншиносонаву таҳлилӣ судманд хоҳад буд. Меъёрҳое, ки барои таҳлили роман вазъ шудаанд, ҳамчун намунаи таҳлили илмии корбурдӣ барои баррасии осори адабӣ аҳаммияти вижа доранд. Нуктаи муҳим он аст, ки мулоҳизаҳои муаллиф оид ба бахши истилоҳоти назарияи «Гуфтумони ривоӣ»-и Ж. Женетт ва бахши вижагиҳои нарратор дар назарияи «Нарратология»-и В. Шмид аҳаммияти байналмилалӣ дошта, барои то андозае инкишоф пайдо намудани илми нақд ва адабиётшиносӣ мусоидат менамоянд.

Аҳаммияти амалии диссертатсияи мазкур дар он аст, ки хулоса ва натиҷабардориҳои илмии муаллиф барои таълифи монографияҳои миллии назарияи адабиёт, фарҳангҳои тафсирии адабиётшиносӣ, мақолаҳои тахассусии илмӣ, китобҳои дарсии нақди адабӣ, мақолаҳои илмии марбут ба фаъолияти эҷодӣ, ҳунари нависандагӣ, навовариҳову сабки шахсии Ӯрун Кӯҳзод муфид аст. Ҳамчунин, диссертатсия барои тадриси курсу семинарҳои махсус оид ба нақди адабӣ, назарияи адабиёт, сабкшиносӣ ва дар навиштани рисолаҳои номзадӣ, доктори фалсафа (PhD), риослаҳои магистрӣ ва хатм кӯмак карда метавонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар аз чанд ҷиҳат эътимоднок буда, пеш аз ҳама, дар заминаи ҷустуҷӯ, таҳлил, баррасӣ, нақд, мубоҳисаву муҳокима ва дар асоси далелҳои мувассақ ба натиҷаҳои мушаххас расидани ӯ маълум аст. Кори таҳқиқии мавриди назар бо барномаҳои илмӣ пайванди қавӣ дошта, дар ҳар бобу фаслҳои диссертатсия баҳсҳои судманди илмӣ ва натиҷагириҳои асоснок ба мушоҳида мерасанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ асоси илмӣ дошта, натиҷаҳои таҳқиқ ба шакли ҷомеъ дар 7 банд манзур шудаанд ва қобили эътимоду асосноканд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Дар доираи мавзуи таҳлили нарратологии романи тоҷик, ки дар мисоли романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод анҷом ёфтааст, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқи хусусиятҳои бадеии «Ҳайҷо», таҳаввули образи адабии нависанда ва таҳлили насри муосири тоҷик дида мешавад. Дигар аз

навовариҳои довталаб аз баррасии унсурҳои калидии сужет, вижагиҳои услуби ривоят, усулҳои офариниши характеру образҳо, хусусиятҳои сабкии романҳои таърихӣ ва нақши вижагиҳои фазоӣ-замонии ривоят дар ташаккули сабки инфиродии Ӯрун Кӯҳзод аз дидгоҳи назарияҳои нарратологӣ иборат аст.

Ҳамчунин, саҳми шахсии диссертантро иштироки ӯ дар маҳфилу ҳамоишҳои илмӣ ва интишороташ доир ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собит менамоянд.

Дар маҷмуъ, дар диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар як зумра масъалаҳои мубрами адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтаанд. Танзими сохтории кори таҳқиқӣ ҷолиби таваҷҷуҳ буда, тамоми нукоти мазкур дар қисмати назарӣ бо мисолҳои марбут тасбит шудаанд. Мабҳасҳои тозае, ки довталаб баррасӣ намудааст, шоистаи истиқбол ҳастанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда**. Муҳтавои асосии диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар ва бардошту натиҷагириҳои ӯ аз таҳқиқи мавзуи мавриди назар дар 10 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ин теъдод 4 мақолаи довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Таҳлили нарратологии романи тоҷик, ки дар диссертатсия ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, баёнгари он аст, ки таҳқиқ ба гунаи шоиста анҷом шуда, бахши асосии он ки ҳовии шарҳу тавзеҳи мафҳуму истилоҳоти марбут ба масоили нарратологист, маводи қобили мулоҳиза маҳсуб мешавад.

Ба таври куллӣ, таҳлили нарратологии осори бадеӣ, шикофтани сохтори роман, омӯзиши вижагиҳои дидгоҳҳои мухталиф дар асари бадеӣ, баррасии вижагиҳои ҳиҷрати нарративӣ дар доираи як роман ва кулли осори як нависанда дорои аҳаммият ва қобили таваҷҷуҳ аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз нигоҳи сохтор аз муқаддима, 3 боб, 15 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфта, ҳаҷми умумии кор 191 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

**Боби аввали** диссертатсия **«Асосҳои нарратология ҳамчун назарияи муосири таҳлили матн»** ном дошта, аз 6 фасл фароҳам омадааст. **Фасли аввал** таҳти унвони **«Матни бадеӣ аз дидгоҳи нарратология»** хусусиятҳои матни бадеиро аз дидгоҳи нарратология

баррасӣ намуда, таърихчаи пайдоиш, таҳаввул ва шаклгирии аввалин назарияҳоро дар ин замина баён кардааст. **Фасли дувум «Равишҳои асосии таҳлили нарратологӣ»** ба таври мухтасар ва муфид оид ба муҳимтарин ҷараёнҳо ва назарияҳое, ки дар ҳавзаи нарратология ба вуҷуд омадаанд, маълумот дода, аз байни онҳо ду назарияи калидиро муаррифӣ мекунад, ки ҳамчун асоси назарии диссертатсияи ҳозир пазируфта шудаанд: назарияи «Гуфтумони ривоӣ»-и Ж. Женетт ва назарияи «Нарратология»-и В. Шмид. **Фасли севум - «Назарияи В. Шмид оид ба нависанда ва таносуби ӯ бо хонанда»** ба масъалаи муҳимме ҳамчун робитаи байни нависанда ва хонанда мепардозад. Дар ин бахш вижагиҳои нависанда ва хонандаи мутааййин ва хусусиятҳои нависанда ва хонандаи таҷридӣ муаррифӣ ва баррасӣ шудаанд. **Фасли чаҳорум «Назарияи В. Шмид дар бораи ровӣ ва мухотаб»** мебошад, ки оид ба анвои нарратор (ровӣ) ва хонанда (мухотаб) маълумот додааст. Дар ин бахш омадааст, ки нарратор метавонад эксплиситӣ ё имплиситӣ бошад ва вижагиҳоеро ҳамчун шахсиятнокӣ, антропоморфӣ будан, пайдоӣ ва нопайдоӣ дар матн, диегетикӣ ё ғайридиегетикӣ будан аз худ буруз диҳад. **Фасли панҷум** бо унвони **«Назарияҳои дидгоҳ»** масъалаи муҳимми анвои роҳҳои дарёфти маълумот ва наҳваи интиқоли онро тавассути ровӣ баррасӣ мекунад. Дар ин фасл омадааст, ки панҷ навъи асосии дидгоҳ вуҷуд дорад: дидгоҳи персептивӣ, дидгоҳи идеологӣ, дидгоҳи маконӣ, дидгоҳи замонӣ ва дидгоҳи забонӣ. **Фасли шашум «Назарияи Ж. Женетт дар хусуси маърифати замон»** мебошад, ки ҷиҳати назарии назми замонии ривоятро мавриди баҳс қарор медиҳад. Дар ин бахш падидаҳое мисли анахрония, аналепсис, пролепсис, паралипсис, эллипсис ва ҳиҷрати нарративӣ муаррифӣ шудаанд.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Таҳлили нарратологии романи «Ҳайҷо»** иборат аз 4 фасл мебошад. **Фасли аввали боби дуюм «Ҷойгоҳи нависанда дар роман»** ба вижагиҳои нависандаи мутааййини «Ҳайҷо» пардохта, хусусиятҳои симои муаллиф, муносибати ӯ ба матни ривоӣ, махсус буданаш дар матни асар, ангезаи эҷодии ӯ ва таваҷҷуҳашро ба аҷзои ривоят таҳлил менамояд ва ба чунин натиҷа мерасад, ки ҳузури фаъоли нависанда дар роман ҷойгоҳи калидии ӯро дар хатти сужет исбот менамояд. **Зерфасли фасли аввали боби дуюм «Хусусиятҳои нависандаи таҷридӣ»** мебошад. Дар ин бахш ба чунин натиҷа метавон мувоҷеҳ шуд, ки нависандаи таҷридии «Ҳайҷо» чунин хусусиятҳо дорад: шахсияти фарҳангиву огоҳ аз таъриху адабиёт, мутафаккиру мушоҳидакор, озодипараст ва дорои тафаккури таҳлилии қавӣ. **Фасли дуюми боби ду «Робитаи байни нависанда ва хонандаи роман»** ва **зерфасли он «Хусусиятҳои хонандаи таҷридӣ»** унвон гирифтаанд. Хонандаи таҷридии «Ҳайҷо» дорои донишу пазириш ва неруи таҳлилии

қавист, забони тоҷикиро бо якчанд гӯйиш медонад, мухотаб, таҳлилгар ва нозири ҳаводиси роман аст. **Фасли сеюми боби дуюм «Хусусиятҳои барҷастаи нарратор дар роман»** буда, муайян намудааст, ки ровии «Ҳайҷо» нарратори фароинсон, ғайридиегетикӣ, нопайдо ё имплиситӣ ва шахсиятнок мебошад. **Фасли чоруми боби дуюм «Вижагиҳои истифода аз дидгоҳҳои мухталиф дар роман»** аст ва 5 зерфаслро дар бар мегирад. **Зерфасли аввали фасли чаҳоруми боби дуюм «Дидгоҳи мудрик (персептивӣ)»** мебошад. Муайян шудааст, ки дар «Ҳайҷо» дидгоҳи мудрики ҳоким бар асар нарратормадор аст ва хонанда воқеияти дар роман тасвиршударо ба гунае мебинад, ки нарратор дида ва таҷруба кардааст. Бо таваҷҷуҳ ба ғайридиегетикӣ будани нарратори «Ҳайҷо» нарратормадор будани дидгоҳи мудрик табиист. **Зерфасли дуюми фасли чаҳоруми боби дуюм «Дидгоҳи арзишгузор (идеологӣ)»** номгузорӣ шудааст. Дар раванди таҳлилҳо маълум шудааст, ки дидгоҳи арзишгузори асосӣ ва роиҷ дар роман дидгоҳи нарратормадор мебошад. Албатта, дар канори он, дидгоҳи арзишгузори персонажмадор низ баъзан ба мушоҳида мерасад. **Зерфасли сеюми фасли чаҳоруми боби дуюм «Дидгоҳи маконӣ (фазоӣ)»** мебошад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар «Ҳайҷо» ҳам дидгоҳи маконии нарратормадор ва ҳам дидгоҳи маконии персонажмадор вуҷуд дорад. Дар ин ҳавза дидгоҳи нарратормадор номаҳдуд буда, ҳамчун дидгоҳи асосӣ ташхис дода шудааст. **Зерфасли чаҳоруми фасли чаҳоруми боби дуюм**, ки **«Дидгоҳи замонӣ»** ном дорад, сабабҳои пайдо шудани дидгоҳҳои замонии нарратормадор ва персонажмадорро дар «Ҳайҷо» тавзеҳ додааст. Дар ин ҳавза низ ҳар ду навъи дидгоҳ, яъне нарратормадор ва персонажмадор вуҷуд дорад ва мусалламан, дидгоҳи нарратормадор роиҷтар аст. **Зерфасли панҷуми фасли чаҳоруми боби дуюм** таҳти унвони **«Дидгоҳи забонӣ»** ба чунин натиҷа расидааст, ки дидгоҳи забонии роиҷ дар саросари роман нарратормадор мебошад ва ҳамчун паёмад ё таъсири ғайриогоҳонаи ин ҳолат, гуфтори персонажҳо низ аксаран аз дидгоҳи забонии нарратормадор баён шудааст.

**Боби сеюми** диссертатсия - **«Сохтори замонии романи «Ҳайҷо» ва хусусиятҳои асосии он»** 5 фаслро дар бар мегирад. **Фасли аввали боби сеюм «Хатти замонии роиҷ дар роман»** мебошад. Дар ин бахш мушаххас шудааст, ки дар сатҳи бузургсохтори «Ҳайҷо» ду хатти замонӣ ба таври мусовӣ пеш мераванд. Онҳо бо ҷойивазкунии мукаррар шаш ҷузъи замониро дар роман ба вуҷуд овардаанд ва ҳар ҷузъи замонӣ дар сатҳи хурдсохтор ба сегментҳои сершумори дигар тақсим мешаванд. **Фасли дуюми боби сеюм «Ноҳамоҳангиҳо дар хатти замонӣ»** унвон шуда, ба таҳлили сохтори замонии роман пардохтааст. Дар ин бахш падидаи анахрония, ки дар ду шакл, ҳамчун «аналепсис»

**«Масъалаи эллипсис дар сужет»** мебошад ва муҳаққиқ муайян кардааст, ки дар «Ҳайҷо» эллипсиси огоҳона фаровон буда, сабаби он гаронбории иттилоотии роман нишон дода шудааст. **Фасли чаҳоруми боби сеюм «Масъалаи паралипсис дар матни асар»** мебошад. Аз ин фасл бармеояд, ки дар «Ҳайҷо» паралипсис ба андозаи кофӣ вуҷуд дорад ва бештари паралипсисҳо огоҳона ҳастанд. Ин ҳолат бартарияти асолати воқеа бар шахсияти персонажро низ нишон медиҳад. **Фасли панҷуми боби сеюм «Ҳиҷрати нарративӣ ва навъҳои он»** унвон шудааст. Барои пайгирии вижагиҳои ҳиҷрати нарративӣ дар осори Ӯрун Кӯҳзод диссертант ду роман, панҷ повест ва ҳафтоду ҳашт ҳикояи нависандаро мутолиа намуда, зиёда аз 20 мавриди такрори воҳиди ривоиро пайдо кардааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 8 банд оварда шудаанд, ки аксари онҳо натиҷаи ковишу баррасиҳои пурвусъати ӯ мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда агар аз як тараф паҳно ва вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи баланди илмии ин кор мебошад. Инчунин, ин нуктаро баҳсҳои диссертант бо муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар заминаи адабиётшиносӣ собит месозанд. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводи нашрнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 4 номгӯйи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод)» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад. Илова бар ин, лаёқати баланди илмии диссертант қобили таваҷҷуҳ буда, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти адабиётшиносӣ иртибот доранд ва мувофиқат мекунанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои зиёди илмию

таҳқиқӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани ҳусни илмии кор аз аҳаммият холӣ нест:

1. Дар фасли якуми боби дуюм (2.1.1.) овардани зерфасл зарурат надошт. Мувофиқи матлаб мебуд, агар мабҳаси зерфаслро дар чаҳорчӯби фасли 1 ба пуррагӣ баррасӣ мекард.

2. Дар диссертатсия руҷуъ ба таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ камтар аст. Агар дар баъзе бахшҳои кор аз онҳо баҳра бурда мешуд, ҳусни илмии кор бештар меафзуд.

3. Муаллиф дар диссертатсияи хеш аз истилоҳоти нав фаровон истифода кардааст. Хуб мебуд, ки ин истолоҳот дар шакли замима оварда мешуд.

4. Агар дар фасли панҷуми боби 3 тамоми осори нависанда ба таҳлил гирифта мешуд, ба манфиати бештари кор буд.

5. Дар диссертатсия дар баъзе маворид иштибоҳоти чопӣ ҷой дорад (с. 17 , 23, 27, 44, 50, 65, 68 ва ғ.).

Аммо ба ҳеҷ ваҷҳ, камбудиҳои зикршуда арзиши илми кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд. Муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро дар сатҳу савияи зарурии илмию таҳқиқӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи тақризшаванда маълумоти зиёд ва далелҳои ҷолиби таҳлилию адабӣ гирифтан мумкин аст. Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ буда, онро дастоварди тоза дар адабиётшиносии тоҷик муаррифӣ намудан мумкин аст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардид.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои

хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода  Шамсов Нурмад Сироҷович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима ва тасдиқ шудааст (протоколи № 1/2, аз 28-уми августи соли 2025).  Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 18 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода — Салими Хатлонӣ

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода — Шамсов Нурмад Сироҷович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода — Боев Шавкат Элмуродович

**Имзоҳои профессор С. Хатлонӣ, дотсентон Н. С. Шамсов ва Ш. Э. Боев-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода — Юсупова Б. Ғ.

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734019,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев,17/6
Тел: +992 (37) 2325000, 2328730, факс: 2325003
mail: rector@ddzt.tj;  info@ddzt.tj;  ddzt@ddzt.tj
Сомона: www.ddzt.tj